ПРОТОКОЛИ № 2
ҷаласаи муштараки кафедраҳои дахлдори Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «07» июли соли 2022 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
Ҳайати ҷаласаи муштараки кафедраҳои дахлдори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 374 аз 28.04.2022 сол тасдиқ гардидааст: раис: н.и.ҳ., дотсент Саидзода З.А.; аъзоён: н.и.ҳ., дотсент Самиев Н.М., н.и.ҳ., дотсент Сафарзода Ҳ.С., н.и.ҳ. Каримзода У.К., н.и.ҳ. Арипов А.Л., н.и.ҳ. Қосимов Ф.М., н.и.ҳ. Рустамзода А.Р., н.и.ҳ. Абдулло А.Р.; котиб: н.и.ҳ. Азимӣ У.А.; мутахассисони даъватшуда: д.и.ҳ., дотсент Абдуҳамитов В.А., н.и.ҳ., дотсент Ямакова З.Д., н.и.ҳ. Нозирӣ Н.А., н.и.ҳ. Назаршоев Ф.Ю., н.и.ҳ. Одиназода И.А.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Экспертизаи давраи дуюми тадқиқоти диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Хоҷазода Ф.Ф. дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

Роҳбари илмӣ:

Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

Муқарризони холиси диссертатсия дар асоси фармоиши Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 545 аз 28.06.2022 сол таъин гардидаанд:

Давлатзода Комрон Давлат - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Қосимов Файзалӣ Маҳмадович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Раисикунанда:

Муқарризони холиси муҳтарами мо иштирок доранд.

Кворуми зарурӣ барои гузаронидани экспертизаи давраи дуюми

диссертатсия ҳаст. Пешниҳод ҳаст, ки ҷаласаи шӯро кушода эълон карда шавад, дигар пешниҳодҳо нестанд? Нест. Якдилона қабул гардид.

Мутобиқи банди 40 Тартиби додани дараҷаи илмӣ аз 30.06.2021 сол таҳти № 267 гузориши унвонҷӯ, хулосаи роҳбари илмӣ, тақризҳои мусбии муқарризони холис оид ба мутобиқатии муҳтавои диссертатсия ба мавзуъ ва ихтисосе, ки мутобиқаш тадқиқот гузаронида шуда буд, пешниҳод карда шуданд. Ҳуҷҷатҳо ҳастанд ва саривақт пешниҳод карда шуданд.

Раисикунанда: Ҳозирини гиромӣ, оид ба иттилооти пешниҳодгардида ва маълумотҳои тарҷумаҳолии унвонҷӯ саволҳо ҳастанд? Савол нест.

Сухан ба унвонҷӯ Хоҷазода Ф.Ф. барои ибрози муҳтаво ва нуқтаҳои асосии диссертатсия дода мешавад.

Хоҷазода Ф.Ф.: Ҳозирини гиромӣ, проблемаи дахлдорӣ ба ҷиноят, яке аз масоили мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Мубрамияту аҳамияти ин падидаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ то ба имрӯз мафҳуми ягонаи дахлдорӣ ба ҷиноят, масъалаҳои банду басти он ва намудҳои ин зуҳуроти ҳуқуқӣ коркард нашудааст. Аз ин рӯ мавзуи интихобнамуда ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ мубрам мебошад.

Дахлдорӣ ба ҷиноят маънои ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдори хавфноки ҷамъиятии барқасдонаи пешакӣ ваъданашуда мебошад, ки дар содир намудани ҷинояти асосӣ иштирок надоштани шахсоне, ки суиқасд ба манфиатҳои ҳокимияти давлатӣ зоҳир намуда, бо пинҳон кардани ҷинояти асосӣ аз адолати судӣ ё наандешидани чораҳо оид ба пешгирии он вобастаанд, ифода меёбад.

Дар натиҷаи таҳлили қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Тоҷикистон чунин намудҳои дахлдорӣ ба ҷиноятро ҷудо кардан мумкин аст:

1) пешакӣ ваъданашуда;

2) хабар надодан дар бораи ҷиноят;

3) пинҳон доштани ҷиноятҳои махсусан вазнин;

4) қонунигардонии (расмикунонӣ) даромадҳо аз ҷиноят, ба даст овардан ё ба соҳибии каси дигар додани молу мулке, ки дидаю дониста бо роҳи ҷиноятӣ ба даст оварда шудааст;

5) саҳлангорӣ нисбат ба ҷинояти тайёршудаистода ё содиршуда.

Дар натиҷаи таҳқиқи мавзуи мазкур ва амалияи татбиқи қонунгузорӣ мо якчанд пешниҳод барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ манзур намудем. Аз ҷумла, бо дарназардошти асосҳои таърихӣ, криминологӣ ва иҷтимоию ҳуқуқии манъи ҳуқуқию ҷиноятӣ оид ба даст овардан ё фурӯши (ба соҳибияти каси дигар додан) молу мулке, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст омадааст, кирдори мазкур бояд ҳамчун як намуди дахлдорӣ ба ҷиноят дониста шавад. Дар баробари ин аниқ кардани объекти ҷинояти мазкур имкон медиҳад, ки моддаи 254 аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад. Муқаррароти меъёрии дар моддаи мазкур зикргардида бояд бо

дарназардошти табиати ҳуқуқии онҳо ба боби 32 «Ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ» гузаронида шуда, дар моддаи нави 347 (2) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода дода шавад.

Дар натиҷаи тадқиқот мо ба як қатор хулоса омадем:

1) Тавре маълум аст, пешгирӣ намудани содиршавии кирдорҳои ҷиноятӣ ва ба вуқуъ омадани қурбониҳои ҷиноят назар ба бартарафсозии оқибатҳои хавфноки ҷамъиятӣ оид ба вайрон кардани манъи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ оқилтар ва самарабахш мебошад. Дар шароити вазъияти криминогение, ки дар ҷаҳони муосир ба амал омадааст, вазифаи пешгирии ҷинояткорӣ бояд яке аз вазифаҳои дохилии сиёсии ҳокимияти давлатӣ ба шумор равад.

2) Ҳалли бомуваффақияти он аз таҳия ва татбиқи маҷмуи воситаҳои дорои табиати иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилию идоракунӣ ва дигар хусусиятҳо вобаста аст, ки дар байни онҳо тадбирҳои ҳуқуқӣ оид ба пешгирии ҷиноятҳо ва дар байниохирин – низоми муқаррароти ҷиноятии ҳуқуқӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят, нақши муҳимро мебозанд, ки дар байни онҳо масъулияти иштирок дар ҷиноят чораҳои ҳуқуқӣ доранд.

3) Меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба ҷавобгарӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят таърихан ҳамчун воситаи ҳуқуқии пешгирии суиқасди ҷиноятии алоҳида (бештар хавфнок ё васеъ паҳншуда) ба вуҷуд омада шароит (муҳит ё вазъият) барои бемамониат амалисозии онҳо ҳаракати (беҳаракатӣ) ғайриқонунии шахсони ба он таалуқдоштаро ба вуқуъ меоваранд. Бо мурури замон муқаррароти қонун дар бораи дахлдорӣ ба ҷиноят ба яке аз воситаҳои иловагии ҳуқуқии сиёсати ҷиноятӣ дар соҳаи пешгирии ҷиноятҳо табдил ёфта, дар низоми чораҳои муқовимати ҳуқуқӣ ба зуҳуроти ҷинояткорӣ мавқеи худро «ишғол» намуда, ба он таъсири пешгирикунандаро ҷорӣ мекунанд.

Дар натиҷаи ташхиси аввал, ки 30-юми майи соли ҷорӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида буд, эродҳои иброзшуда бартараф карда шуданд. Рисола бори дигар таҷдиди назар гардонида шуд. Ба забоншинос ҷиҳати ислоҳ бо талаботи имлои забони тоҷикӣ кор суборида шуд ва ташхису тавсияи мутахассисон ба инобат гирифта шудааст. Иқтибосҳои овардашуда ба талабот мутобиқ гардонида шуд. Дар матни рисола ихтисороти мавҷудбуда, ба хусус санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, бо ихтисорот нишон дода шудааст.

Бо ҳамин маъруза ба анҷом расид, ташаккур ба диққататон.

Раисикунанда: Кӣ ба унвонҷӯ савол дорад? Марҳамат.

Арипов А.Л.: Шумо пешниҳод намудед, ки дахлдорӣ ба ҷиноят ҳамчун яке аз шаклҳои ҷиноят эътироф карда шавад?

Хоҷазода Ф.Ф.: Бале.

Арипов А.Л.: Пешниҳоди худро оид ба хориҷ намудани моддаи 254 аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намоед?

Хоҷазода Ф.Ф.: Ин пешниҳод нуқтаи назари мост ва на ҳама метавонад бо он розӣ шавад.

Раисикунанда: Боз кӣ ба унвонҷӯ савол дорад? Марҳамат.

Сафарзода Ҳ.С.: Пешниҳоди шумо хориҷ намудани моддаи 254 аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва ё кӯчонидани он ба моддаи дигари кодекс мебошад?

Хоҷазода Ф.Ф.: Мо пешниҳод дорем, ки моддаи 254 аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шуда, мукаррароти он ба моддаи 347 (2)-и кодекс гузаронида шавад.

Раисикунанда: Боз кӣ ба унвонҷӯ савол дорад? Марҳамат.

Арипов А.Л.: Дар натиҷаи ин пешниҳоди шумо масъалаи исбот ба вуҷуд меояд. Ҷамъ намудани далелҳо ба муфаттиш мушкил мешавад. Бо назардошти амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ то чӣ дараҷа пешниҳоди шумо ба маврид аст?

Хоҷазода Ф.Ф.: Ин пешниҳод нуктаи назари мост ва на ҳама метавонад бо он розӣ шавад.

Раисикунанда: Боз кӣ ба унвонҷӯ савол дорад? Марҳамат.

Сафарзода Ҳ.С.: Шумо пешниҳод доред, ки дахлдорӣ ба ҷиноят ҳамчун намуди шарикӣ ва ё ҳамчун институти алоҳида эътироф гардад?

Хоҷазода Ф.Ф.: Дахлдорӣ ба ҷиноят бояд ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ эътироф гардад.

Сафарзода Ҳ.С.: Ин пешниҳоди шумо барои амалия чӣ аҳамият дорад?

Хоҷазода Ф.Ф.: Аҳамияти калон дорад.

Раисикунанда: Боз кӣ ба унвонҷӯ савол дорад? Марҳамат.

Нозирӣ Н.А.: Мукаррароти моддаи 254 хусусиятҳоеро дорост, аз қабили оне ки объект дорад, пас хусусиятҳои он ба адолати судӣ чӣ дахл дорад ва дар амалия он чӣ накш мебозад? Фикр дорам, ки баръакс кормандони амалия побаста шуда, ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд.

Хоҷазода Ф.Ф.: Ин пешниҳод нуктаи назари мост ва на ҳама метавонад бо он розӣ шавад.

Раисикунанда: Боз кӣ ба унвонҷӯ савол дорад? Савол нест.

Сухан ба котиби ҷаласа барои кироати хулосаи роҳбари илмии унвонҷӯ - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш. дода мешавад (хулоса замима мегардад).

Раисикунанда: Ҳозирин оид ба хулосаи роҳбари илмии унвонҷӯ савол доранд? Савол нест.

Сухан ба мукарризи холиси якум, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Давлатзода Комрон Давлат дода мешавад (такриз замима мегардад).

Раисикунанда: Ба мукарризи холис Давлатзода К.Д. савол ҳаст? Агар савол набошад, мегузарем ба қисмати дигари ҷаласа.

Сухан ба мукарризи холиси дуюм, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Қосимов Файзалӣ Маҳмадович дода мешавад (такриз замима мегардад).

Раисикунанда: Ба мукарризи холис Қосимов Ф.М. савол ҳаст? Агар савол набошад, сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб додан ба эродҳои мукарризони холис дода мешавад.

Хоҷазода Ф.Ф.: Ташаккур. Тамоми эродҳои ибрознамудаи муқарризони холис ба назар гирифта мешавад.

Раисикунанда: Ҳозирини гиромӣ боз ба унвонҷӯ савол доред? Савол нест.

Сухани ҷамъбастӣ ба унвонҷӯ дода мешавад.

Хоҷазода Ф.Ф.: Ҳозирини гиромӣ, пеш аз ҳама иҷозат фармоед миннатдории хешро ба роҳбарияти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шароити муфиди илмию таълимӣ фароҳам овардан ва баргузории ҷаласаи мазкур мерасонам. Инчунин, сипоси беҳоёни мо ба муҳаққиқону олимони рисолаи моро аз ташхис гузаронидаанд, расонида мешавад.

Раисикунанда: Бо ҳамин экспертизаи давраи дуюми диссертатсия ба анҷом расид. Ба марҳилаи овоздиҳӣ мегузарем. Дар рӯзномаи ҷаласа як масъалаи тавсия додани диссертатсия ба шӯрои диссертатсионии дахлдор ва додани хулосаи мусбии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон меистад.

Кӣ тарафдори ин қарор ҳаст, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор – 14 нафари ҳозирбуда, зид – нест, бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

Қарор:

1. Ҳисобида шавад, ки кори пешниҳоднамудаи Хоҷазода Ф.Ф. дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тадқиқоти мустақилона, кори илмии ба анҷомрасида буда, дар мавзуи мубрам омода гардидааст ва ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 сол таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Қарори ҷаласаи муштараки кафедраҳои дахлдори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад ва кори диссертатсионии Хоҷазода Ф.Ф. дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба шӯрои диссертатсионии дахлдор тавсия карда шавад.

Раисикунанда:
н.и.ҳ., дотсент — Саидзода З.А.

Котиб:
н.и.ҳ. — Азимӣ У.А.